Ба Шурои диссертатсионии 6.КОА-062
назди Донишгоҳи славянии оссия ва
Тоҷикистон (734025, ш.Душанбе,
кучаи Мирзо Турсунзода 30)
E-mail: rajabova@rambler.ru

# ТАКРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Абдуҳамитзода Асрор Абдуҳамит дар мавзуи: «Хусусиятҳои ташаккули сиёсати инноватсионии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли шаҳри Душанбе)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 идоракунии иноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ.

Мавзуи диссертатсияи Абдуҳамитзода А.А., дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим ва саривақти мебошад. Қайд намудан зарур мебошад, ки вазъи кунунии рушди инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи паст қарор дорад. Дараҷаи пасти сиёсати инноватсионӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, ба назари мо, сабаби асосии иҷро нагардидани стратегияи рушди инноватсионӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, рушди инноватсионии минтақаҳои ҷумҳурӣ самти афзалиятноки сиёсати инноватсионии кишвар гардад. Дар маҷмуъ, иқтисодиёти кишварҳои дорои иқтисоди бозоргонии пешрафта, ки ба инноватсия нигаронида шудаанд, системаи муносибатҳои илм, истеҳсолот ва ҷомеаро ташкил медиҳанд, ки дар он инноватсия асоси рушди саноат ва иқтисодиёт хизмат мекунад ва дар навбати худ ба инкишофи инноватсионӣ мусоидат намуда, самтҳои он ва бо ҳамин самтҳои муҳимтарини фаъолияти илмиро муайян мекунанд.

Муаллиф дуруст кайд намудааст, ки сиёсати инноватсионии минтақа - маҷмуи принсипҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди инноватсионӣ буда, манфиатҳои минтақаро тавассути лоиҳаҳои инноватсионӣ амалӣ мегардонад. Аз ҷониби муаллиф қайд карда шудааст, ки методологияи муайян намудани самаранокии иқтисодии лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои лоиҳаҳои инноватсионӣ қобили қабул нест, зеро навовариҳои идоракунӣ, ба монанди тағйир додани сохтори ташкилии корхонаҳо, ҳамгироии онҳо, усулҳои нави идоракунии фаъолияти кадрҳо, беҳтар намудани сифати маҳсулот, маркетинг ва диг. амалӣ мегарданд, ки онҳоро бо як нишондиҳанда баҳо дода намешавад (сах. 12).

Мо бо муаллиф рози мебошем, ки сабаби асосии иҷро нашудани индикатори СМР-2030 доир ба маблағгузории соҳаи илм дар он аст, ки дар минтақаҳо сохтори алоҳидаи бевосита ба ин масъала машғул таъсис дода нашудааст. Ин масъала ба корхонаҳо ва муассисаҳо ҳавола карда шудаанд, ки натавонистанд нишондиҳандаҳои маблағгузории соҳаи илмро то сатҳи СМР-2030 расонанд (сах. 25).

Муаллиф дуруст кайд менамояд, ки яке аз нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи сиёсати инноватсионӣ шумораи кормандони соҳаи илм ва техника ба ҳисоб мервад. Таҳлилҳо собит менамоянд, ки ин нишондиҳанда дар минтақаи зери таҳқиқ қароргирифта тамоюли пастравӣ дорад.

Дар баробари ба даст овардани натиҷаҳои хуби илми, як қатор камбудиҳо низ ба чашм мерасанд. Аз он ҷумла, хатогиҳои техники ва имлои.

Аммо хатогиҳои дар боло қайд карда шуда баҳои умумиитаҳқиқоти диссертатсиониро паст намекунад, ва ба сифати кори илми таъсири манфи намерасонад.

Автореферат ва руйхати мақолаҳои кори илмии Абдуҳамитзода Асрор Абдуҳамит тасдиқ менамоянд, ки диссертатсия кори илми-таҳқиқотии пурра анҷомёфта, ки мустақилона дар сатҳи баланд иҷро карда шуда мебошад. Кори илмии тақризшаванда, ба талаботи навиштани корҳои илми диссертатсиони мувофиқ мебошад. Натиҷаҳои илмӣ, ки аз ҷониби муаллиф дар натиҷаи гузаронидани кори илмӣ ба даст оварда шудаанд саривақти ва асоснок мебошанд. Кори диссертатсионии тақризшаванда ба ҳамаи талаботҳои КОА ҷавобгу буда, муаллифи он Абдуҳамитзода Асрор Абдуҳамит сазовори унвони номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.06.02 идоракунии иноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи идоракунии захираҳои инсонии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Давлатов Сорбон Назирмадович

**Суроға:**
734025 Ҷуҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 17
Телефон: (+992)784-41-03-13; E-mail: sorbon_07@mail.ru

Дурустии имзои Давлатов С.Н. - ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳои ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.
"_8_" _09_ 2026